# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «31» 01 соли 2025 № 10/ди ш. Душанбе**

*Дар бораи додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархатҳои 4 ва 10 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 2 (ду) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикргардида, дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм дода шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Сарватманди Қ.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 2 (ду) адад дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулзода А.Б.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, №2

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «31» 01 соли 2025, №10/ди

# Рӯйхати
## довталабоне, ки ба дараҷаи илмии доктори илм сазовор дониста шудаанд ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори илм | Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии доктори илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод намудааст; дараҷаи илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Икромӣ Хуршед Икром | 6D.КОА-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; доктори илмҳои техникӣ |
| 2. | Худойбердиев Хуршед Атохонович | 6D.КОА-049 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ; доктори илмҳои техникӣ |